# ТОҶИКОН ВА ӮЗБЕКОН ДАР ҚАРИНАИ РАСМУ ОИНИ НЕК

*С. Зиёев [1], Р. Маҷидзода [2]*

*Шарҳ:*
Мақолаи мазкур ба муносибатҳои дӯстона ва таърихии байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон тамаркуз намуда, аз ҳамгироии фарҳангӣ ва маданӣ ин ду халқи ҳамсоя ва бародар шаҳодат медиҳад. Аввалан, баъзе омилҳои муштарак мисли забон, фарҳанг, ва расму русумро муаррифӣ мекунад, ки чӣ тавр ин ду миллат дар тӯли таърих ба ҳам наздик шудаанд.

*Калимаҳои калидӣ:* Тоҷикистон, Ӯзбекистон, муносибатҳои дӯстона, фарҳангӣ ва маданӣ, ҳамгироӣ, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, таҳкими равобит, суннатҳои дӯстӣ

*doi: https://doi.org/10.2024/v3jk5y52*

Муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар дарозои таърих вуҷуд доштааст. Асоси ин равобитро метавонад ба якчанд далел исбот кард, ки ин ду миллат аввалан бо ҳам ҳамсоя ҳастанд, баъдан расму русум ва фарҳангу ойини муштарак доранд ва инчунин як қисми муайяни аҳолии тоҷиконро ӯзбекон ва ӯзбеконро тоҷикон ташкил медиҳанд, ки ин омил қаринаи ду ҷонибро мустаҳкам месозад.

Халқҳои тоҷик ва ӯзбек дар замонҳои қадим то ҳол дар ҳамсоягӣ умр ба сар бурда, аз расму оин ва хулқу атвори ҳамдигар бо хабар буда, риштаи ногусастании хешутабории ҳамдигарро то ба ин рӯз расонидаанд. Намояндагони барҷастаи ин ду миллат дар соҳаи адабиёту фарҳанг Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Низомиддин Алишери Навоӣ намунаи барҷастаи дӯстӣ ва рафоқатии ин ду миллат мебошанд. Дар ин маврид Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармудаанд: «Тоҷикон ва ӯзбекҳо ҳамеша ба таҳкими риштаҳои дӯстию бародарӣ кӯшиш мекарданд ва садоқати худро ба ин арзишҳо собит намуданд. Намунаи возеҳи ин гуфтаҳо муносибатҳои дӯстона ва бародаронаи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишер Навоӣ мебошад. Мо бояд барои халқҳоямон фазои дӯстию самимиятӣ ва ҳамдигарфаҳмию ҳамкориро тавре дар замони Мавлоно Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ буд, фароҳам орем». Ё худ Мирзо Турсунзода гуфтааст: “Халқҳои тоҷик ва ӯзбек шабеҳи ду тори як дутор ҳастанд. Дӯстии ин ду халқ азалист” [3, 298].

Таърихи навини давлатдорӣ шаҳодат медиҳад, ки аз ибтидои Истиқлолияти давлатӣ, таҳкими муносиботи неки ҳамсоядорӣ ҳамеша дар

[1] *Зиёев Субҳиддин Насриевич, номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики, Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

[2] *Маҷидзода Расул Абдумаҷид, номзади илмҳои филологӣ, ходими илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики, Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

меҳвари таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошт. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи дӯстиву хешутабории халқҳои тоҷику ӯзбек гуфтаанд: «Дар таърих кам воқеъ шудааст, ки ду халқ бо ҳамдигар мисли тоҷикону ӯзбекҳо ба чунин дараҷа наздик ва омехта гашта бошанд. Муносибатҳои деринаи дӯстӣ ва хешутабории ин ду халқи қадимаи Осиёи Миёна онҳоро ба ҳамдигар хеле наздик кардаанд. Суннату анъанаҳо, расму оинҳо ва ҳатто феълу атвори мо ба якдигар ба дараҷаи ҳайратовар шабоҳат доранд» [4, 512].

Роҳбарияти олии мамлакат бо дарназардошти муштаракоти таърихиву фарҳангии тоҷикону ӯзбекон дар ҳеҷ як марҳила муносибати дӯстонаро бо ҳамсояи наздикамон - Ҷумҳурии Ӯзбекистон сарфи назар накарда, балки ҳамеша дар талоши таҳкими равобит буданд [6]. Фитрати баланду оянданигарона дар муносиботи байнидавлативу хешутабории ду халқи бародар марҳилаи нави дӯстиро ба вуҷуд овард ва дарвозаҳои меҳру муҳаббат ба рӯи ҳамдигар боз шуданд.

Дар суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон уфуқҳои тоза ва умедҳои дилгармкунандаи муносибатҳои ду кишвар дурахшон гардиданд: «Мардуми моро суннатҳои бисёрасраи дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва эҳтироми ҷонибайн муттаҳид месозанд. Ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Тасмимоти имрӯзаи мо бар заминаи музокироти суратгиранда аз бисёр ҷиҳат хислати таърихӣ дошта, таконбахш мебошанд.» [6].

Халқҳои тоҷику ӯзбек дар масири таърих ҷойгоҳи хосе дошта, аҳли зиёи ин ду миллат барои устувор нигаҳ доштани расму оин ва эҳтироми ҳамҷаворӣ аз ҳамдигар бархурдҳои зиёде намудаанд. Вақте мо дар бораи дӯстии мардумони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон сухан меронем, таърихи муносибатҳои ин ду халқи бародар – тоҷику ӯзбек пеши назар меояд, ки ин муносибот шаҳодат аз муштаракоти қадимиро нишон медиҳад.

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки робитаҳои таърихии тоҷикону ӯзбекҳо нисбат ба дигар халқҳои Осиёи Миёна ба ҳам наздиканд. Ба ин тартиб, агарчанде халқҳои тоҷику ӯзбек дар замонҳои гуногун ташаккул ёфта забони онҳо ба гурӯҳҳои мухталиф тааллуқ дошта бошад ҳам, бунёди аслии нажодии онҳо як аст. Тақдири таърихии ин халқҳо ва маданияти онон пайвандҳои ногусастанӣ дорад. «Таърих гувоҳ аст, ки ду халқи ҳамсояву бародар – тоҷикону ӯзбекҳо асрҳо боз паҳлу ба паҳлу кору зиндагӣ мекунанд. Таърих ва фарҳанги тӯли асрҳо офаридаи онҳо ба ҳам омезиш ёфта, якдигарро бою ғанӣ намудааст» [1].

Пайванди дӯстӣ ва муносибатҳои ҳамаҷонибаи ду халқи ба ҳам наздику хеш — тоҷикону ӯзбекон саршор аз муҳаббату қадрдонӣ ва арҷгузорӣ мебошад. Ин ду халқ дар тӯли таърих ба муқобили золимони маҳаллӣ ва истилогарони аҷнабӣ дӯш ба дӯши ҳам мубориза бурда, баҳри озодӣ ва саодат ҷоннисорӣ кардаанд.

Дар таҳким ва ташаккули дӯстии ин ду халқи бародар намояндагони илму адаб ва арбобони барҷастаи санъату сиёсат нақши шоиста бозидаанд. «Адибону олимон ва сиёсатмадорону хирадсолорон ҳамеша, дар ҳар давру замон, барои ҳусни тафоҳум саъю талош карда, бо ҳар роҳу восита барои пойдории беҳтарин суннатҳову дастовардҳои маданӣ ва маишии ҳамдигар мусоидат намудаанд» [2].

Муҳаққиқон чараёни минбаъдаи воқеаҳоро нишон дода тазаккур намуданд, ки дар ҳар замон тоҷикону ӯзбекон ба ҳамдигар вобаста будаанд. Тоҷикон ва ӯзебон ду миллате ҳастанд, ки ба ҳам пайвастаанд.

Миллатҳое дар баробари ҳифзи асолату вижагиҳои миллии худ ҳамзамон бо дигар миллатҳо умумияту қаробати фарҳангӣ ва таърихӣ доранд, дар ҷаҳон кам нестанд, аммо мисли миллатҳои тоҷику ӯзбек кам метавон миллатеро вохӯрд, ки аз лиҳози равониву ахлоқӣ, урфу одату анъана ва шеваи зиндагӣ ба ҳам шабоҳат дошта бошанд. «Ин ду миллат дар масири таърихи тӯлонии ҳамзистии худ он қадар аз ҳам таъсир пазируфтаанд, ки дигар на фақат дар куллиёт, балки дар ҷузъиёти шеваи зиндагиашон низ тафовуте боқӣ намондааст» [5].

Ҷиҳати тараққиёти тамаддуни умумиинсонӣ ҳамаи мардумони Осиёи Миёна саҳми бузург гузоштаанд. Масъалаҳои таърихи асримиёнагии халқҳои тоҷику ӯзбек аз он дидгоҳ наздик мешаванд, ки дар ҷомеаи шаҳрвандӣ миёни тоҷику ӯзбекҳо рақобатҳои ҷиддӣ мавҷуд нест. Онҳо асрҳо ба ҳам бо некӣ зистаанд, ва имкони ҳамкории дӯстонаи онҳо нисбат ба ҳар кадом халқҳои дигари Осиёи Миёна бештар аст.

Ҳамрангии урфу одат тоҷикону ӯзбеконро ба якдигар наз¬дик намудааст. Чунин муносибат ва пайванду робитаҳои наҷиб барои рушди маданият, адабиёт ва санъати ду халқ заминаи мусоиду мувофиқи фарҳангиву иҷтимоиро фароҳам сохта, дар байни беҳтарин намояндагони огоҳу ориф ва бедору шарифи онҳо дӯстию рафоқат ва ҳамфикриву ҳамкории муносибу мутаносибро ба вуҷуд овардааст. Масъалаи муносибати боҳамии халқҳои тоҷику ӯзбек мавзӯи умда барои ҳардуи кишвар ва давлатдорону зиёиёни он маҳсуб мешавад.

***Рӯйхати адабиети истифодашуда:***

*[1]. Абулҳаев Р., Ғафуров А. Таърих гувоҳ аст//. Ҷумҳурият. -2018, -28 март.*

*[2]. Бобобекова М. Пайванди ҷовидона. // Садои мардум. - 2018, 16 август*

*[3]. Зиёев С.Н. Пайвандҳои адабии ду кишвари ҳамҷавор дар мисоли Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ // Маводди илмии конференсияи байналмилалии “Нақши адабиёт, забон ва фарҳанг дар рушди маънавиёти инсоният”. Самарқанд: Нариёти Донишкадаи забонҳои хориҷӣ, 5-6 майи соли 2022. – С. 298-302.*

*[4]. Рањмонов Э. Тољикистон: дањ соли истиќлолият, вањдати миллї ва бунёдкорї / Э. Рањмонов. - Душанбе, 2001. Љ.3. - 512 с.*

*[5]. Раҳматзод А. Халқи тоҷик бузург аст, зеро Рӯдакӣ ва Эмомалӣ Раҳмон дорад. // Фараж. -2018. - 7 март*

*[6]. Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон. // Садои мардум. -2018. – 10 март.*

*[7]. Солиҳов Р. Тоҷикон ва ӯзбекон. Таърихи навини ҳамсоядорӣ. // Ҷумҳурият. -2018. – 4 апрел.*